ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ № 4

15-уми декабри соли 2023, суратҷаласаи №3(13).**(Такрорӣ)**.

## ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ

6D. КОА-47-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дар бораи диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзуи "Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-47 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121), тибқи фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.04.2022 таҳти №125 таъсис ёфтааст, аз 02.10.2023, №2(12) ба ҳимоя **такрорӣ** иҷозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҷабова Фируза Садриддиновна, 25-уми марти соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2007 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шуъбаи забони олмонӣ, факултети забонҳои романӣ германӣ дохил шуда, соли 2012 факултети мазкурро бо муваффақият ва бо ихтисоси муаллими забони олмонӣ бо дипломи аъло ДОА №0006675 хатм намудааст.

Соли 2012 фаъолияти корияшро дар кафедраи забони олмонӣ ва методикаи таълими он ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси ассистенти кафедра ва ҳамзамон муовини декан оид ба корҳои илмӣ оғоз намудааст. Соли 2012 то 2015 котиби Шурои олимони факултети забонҳои романӣ германӣ интихоб гардидааст. Соли 2016 ба давлати Олмон бо даъвати Институти Гёте аз такмили ихтисос гузаштааст. Соли 2018 тариқи озмун муаллими калони кафедраи забони олмонӣ ва методикаи таълими он ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ интихоб гардидааст. Аз соли 2016 то инҷониб ба ҳайси котиби Шурои илмӣ-методӣ дар факултети забонҳои романӣ германӣ фаъолият карда истодааст.

Раҷабова Фируза Садриддиновна солҳои 2016 то 2020 ҳамчун аспиранти ғоибонаи кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ - фаронсавӣ) ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, фаъолияти илмӣ таҳқиқотӣ бурдааст. Якчанд маротиба бо Ифтихорномаҳои Донишгоҳ сарфароз гардидааст.

Таҳқиқот дар давоми 7-сол гузаронида шудааст.

Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ - фаронсавӣ) ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шуда, дар ҷаласаи васеъи кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ - фаронсавӣ) аз 17-уми июни соли 2022 суратҷаласаи ғайринавбатии №11 ва Шурои олимони факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 29-уми июни соли 2022, суратҷаласаи №11 муҳокима ва тасдиқ гардида, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия таҳқиқот дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Паёми ДМТ, маҷмӯаҳои маводҳои конференсияҳо инъикос ёфтаанд. Онҳо аз санҷиши зарурӣ гузаштанд, дар 25 мақола баён гардиданд, аз ҷумла 5-тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

Эълон оид ба рӯзи ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат тибқи муқаррарот дар сомонаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 13.10.2023. ҷой дода шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 15.11.2023. ирсол гардидааст.

Автореферати диссертатсия аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матн 92.26%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар мӯҳлати муайяншуда ворид гардида, дар сомонаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳо аз тарафи унвонҷӯ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, дар парвандаи аттестатсионии унвонҷӯ маҳфузанд.

**Роҳбари илмӣ: Сайфуллаев Хайрулло Габуллаевич-** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонии факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, кори илми таҳқиқотӣ дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ - фаронсавӣ) ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст ва **муқарризони расмӣ - Шоҳиён Нуралӣ Набот** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва **Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна-** номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, 01 ноябри соли 2023, суратҷаласаи №3, ки онро раиси ҷаласа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДМТ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирализода Абдусалом Мустафо, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТ Саидзода Ҳалим Азиз, номзади илми педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика Худойқулова Қизларгул Ҷурақуловна ва котиби илмии ҷаласа, номзади илми педагогӣ Тошзода Савриддини Ҳомид имзо карда, ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт тасдиқ гардидааст, ба диссертатсия асосан баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, қайд намудааст, ки мубрамии мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Раҷабова Фируза Садриддиновна ба ҳаллу фасли проблемаи мубрами муосир – роҳу воситаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ бахшида шудааст.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну мундариҷаи рисоларо пурра дар бар мегиранд. Натиҷа ва хулосаҳои ба даст овардашударо метавон ҳангоми таҳқиқи масъалаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ зимни омӯзиши забони хориҷӣ истифода бурд. Дар асоси нуқоти назариявӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ *тавсияҳои методӣ таҳия ва коркард* шудааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили кор минбаъд хеле муфиданд:

1. Дар мавриди таҳқиқи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ зимни татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир хуб мешуд муҳақиқ андешаи худро оид ба муҳимияти робитаҳои байнифаннӣ бо ҷаҳонбинии васеъ баён менамуд.
2. Муҳаққиқ доир ба фаъолияти мутақобилаи донишҷӯён дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муҳассилин дар муҳити бисёрфарҳангӣ изҳори ақида намудааст, ба мақсад мувофиқ мебуд агар татбиқи проблемаи мазкур дар фаъолияти беруназдарсии донишҷӯён низ нишон дода мешуд.
3. Чи дар матни диссертатсия ва чи дар автореферат хатогиҳои грамматикӣ ва имлоӣ вомехӯранд.
4. Матни русии автореферат низ ба таҳрир ниёз дорад.

Бояд зикр кард, ки камбудиҳои нишондодашуда ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

Дар фарҷоми тақризи худ муассисаи пешбар чунин хулоса пешниҳод намудааст:

1. Рисолаи пешниҳодгардида кори мустақилонаи илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзуи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ва талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор дониста мешавад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.п., профессор Мирализода А.М., тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедра 01 ноябри соли 2023, таҳти қарори №3 баррасӣ ва муҳокима гардидааст.

Диссертант доир ба мавзуи таҳқиқот 25 мақола нашр намудааст, ки 5-тои он дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд:

1. Раҷабова Ф.С. (бо ҳаммуаллифӣ). Мубоҳиса дар шакли нишасти матбуот дар ташаккули маҳорати муошурати байнифарҳангии донишҷӯён / Ф.С.Раҷабова. [Матн] // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши «Илмҳои педагогӣ». – Душанбе: 2017. -№5 (72), – С. 18-20.
2. Раҷабова Ф.С. Ташаккули мубоҳиса бо истифодаи видеофилм дар дарсҳои забони хориҷӣ/ Ф.С.Раҷабова. [Матн] // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши 2. Педагогика ва методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ. – Душанбе: 2020. –№2 (2), –С. 244 -246.
3. Раҷабова Ф.С. Технологияи байнифарҳангии рефлексивӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ / Ф.С.Раҷабова [Матн]// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / (ISSN 2074-1847). -Душанбе, 2021. -№2. -С.256-265.
4. Раҷабова Ф.С. Нақши фарҳанги миллӣ ва ғайризабонӣ дар ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён / Ф.С.Раҷабова [Матн]// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. - Душанбе: 2022. -№ 1 (11). -С.244-246.
5. Раҷабова Ф.С. (бо ҳаммуаллифӣ).Усулҳои фаъолияти муштарак дар ташаккули салоҳиятмаедии коммуникативии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ//[Матн] Паёми ДДОТ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. Душанбе, 2023. (ISSN 2708-5759).-№1(15) С.78-84.

**Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1.Пиров Қурбоналӣ-** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, чунин эродҳоро қайд намуданд:

1) Робитаҳои байнифаннӣ мебоист возеҳтар матраҳ мегардиданд.
2) Дар автореферат баъзе хатоҳои техникӣ ҷой доранд.

**2.Файзулозода Ҳусейн Файзуло** -номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети тарбияи ҷисмонии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯйи мутолиаи автореферат баъзе эродҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муаллиф метавонад онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмии хеш ба эътибор гирад:

1)Кадом омилҳо мусоидат намудаанд, ки донишҷӯён таҳсили худро дар кишварҳои Ғарб идома диҳанд?

2)Дар автореферат ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд.

**3. Ҳусенов Бойалӣ Алиевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Вобаста ба камбудиҳои рисолаи таҳқиқотӣ чунин норасоиҳоро номбар карданд:

1)Беҳтар мешуд, агар муҳаққиқ омилҳои ангезаи баланди донишҷӯёнро дар омӯзиши забони олмонӣ шаҳр медод.

2)Дар автореферати диссертатсия баъзан хатоҳои техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

**4.Аҳмадзода Зулфия Кабир**-номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба идеология, тарбия ва робита бо ҷомеъаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қайд карда шудааст, ки дар баробари дастовардҳои дар автореферати диссертатсия зикргардида баъзан ғалатҳои техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд:

1)Нақши соҳибзабонон аз Олмон ва Австрия ҷиҳати ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ мебоист возеҳтар матраҳ мегардид.

2)Дар автореферат хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳод намуда, қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Раҷабова Фируза Садриддиновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-47 аз 2.10.соли 2023, №2 (12), тибқи банди 61, 62-и "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ" ва бандҳои 71,72 ва 74-77, 79-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021-ум таҳти № 267-ум тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти ба анҷом расонидаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- ***муқаррар карда шуд***, ки ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар натиҷаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ коркард карда шудааст;

- ***пешниҳод карда шуд***, ки донистани салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ аз анҷоми фаъолияти касбии муваффақонаю самарабахши педагогӣ гувоҳӣ медиҳад;

- ***исбот карда шуд***, ки вазифаҳои дар назди донишҷӯён гузоштешуда ба тадриҷ тағйир ёфта, заминаҳои фаъолмандии онҳо давра ба давра, шурӯъ аз давраи худмуайянкунии шахсият тадриҷан инкишоф меёбанд. Дар ин ҳангом донишҷӯ намояндаи фарҳанги худӣ мебошад, то давраи гуфтугӯи фарҳангҳо, ки зимни он донишҷӯ таҳвилгари фарҳангҳо дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ мебошад;

- ***муайян гардид***, ки кори мақсаднок оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар асоси модели таҳиякарда шуда бо татбиқи шароитҳои педагогии ҷудокардашуда бештар дараҷаҳои баланд ва миёнаи дараҷаҳои ташаккули маҳоратҳои мавриди таҳқиқро дар мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ таъмин мекунад;

- ***асоснок карда шуд***, ки истифодаи имкониятҳои компютер барои мақсадҳои алоҳидаи дидактикӣ, истифодаи кори мустақилона, татбиқи шаклҳои гуногуни машғулияти интерактивӣ ба ташаккули ангезаи ботинӣ ба омӯзиши забони олмонӣ, истифодаи он дар касби интихобкарда мусоидат намуда, қобилиятҳои эҷодии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро ташаккул медиҳад;

- ***пешниҳод карда шуд***, ки аҳамиятнокии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар муҳити бисёрэтникӣ бо он муайян карда мешавад, ки тамоюлҳои дидактикаи мактаби олӣ барои рушди комили шахсияти толибилм ва омодагӣ барои кори рақобатпазир дар ҳолатҳои зудҳаракатии байналмилалӣ ва ҳамгиройӣ равшан мебошанд;

- ***муқарар карда шуд***, ки проблемаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба таҳқиқоти илмие дахл дорад, ки фалсафаю педагогикаро дар ҳамкорӣ бо фарҳангшиносӣ, этика, психология ва фанҳои тахассусӣ тавъам месозад;

- ***исбот карда шуд***, ки таҳқиқот натиҷабахшии модели коркардшудаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро тасдиқ кард, ки он мақсад, принсипҳо; мундариҷа; шаклҳо ва методҳо (гуфтугӯӣ, коммуникативӣ, эвристӣ, бозигӣ, методҳои лоиҳаҳо, моделсозӣ), давраҳои асосӣ (муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ); натиҷаҳо (дараҷаҳои ташаккули муошират: эҷодӣ, маҳсулнок, бемаҳсул)-ро фаро мегирад;

- ***ошкор карда шуд***, ки дар раванди таълим татбиқ гардондани МТМ «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ (АНШХ) аз забони олмонӣ» дар асоси методи таълими кредитӣ-амсилавӣ ба таъмини давра ба давраи салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар муҳити бисёрэтникии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ зимни ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва байнифарҳангии мутахассисони оянда, иҷрои интихоби шаклҳо ва технологияҳои гуногуни инфиродикунонӣ ва ҷудосозии таълим мусоидат намуд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот иборат аст аз:***

- ҷамъбасти донишҳои фалсафию педагогӣ доир ба салоҳиятмандии байнифарҳангии ва касбии мутахассисиояндаи ихтисосҳои омӯзгорӣ аз забони олмонӣ, ки тасаввуротҳои илмиро вобаста ба падидаи мазкури байнифарҳангӣ васеъ мегардонад;

- асоснок кардани таъсири маҷмӯи имкониятҳои муайяншуда ба самарабахшии раванди ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ва касбии мутахассисиояндаи ихтисосҳои педагогӣ аз забони олмонӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣмусоидат мекунад;

- коркарди шароитҳои педагогии истифодаи технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ва касбии мутахассисиояндаи ихтисосҳои педагогӣ аз забони олмонӣ ва бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок намудани болоравии динамикаи ташаккулёбии падидаи мазкур, ки ба фаъолнокии тафаккури донишҷӯён, рушди қобилияти зеҳнию маърифатӣ ва мустақилшавии онҳо, ташаккули малакаҳои истифодаи донишҳои гирифта дар раванди таълими умумии назариявӣ ва касбӣ мусоидат мекунад.

- таҳлилу таҳқиқи технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии касбии мутахассисиояндаи ихтисосҳои педагогӣ аз забони олмонӣ дар асоси равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ, ки давраҳо ва механизмҳои ташаккули салоҳияти номбурда дар мутахассисониояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мавриди амал қарор мегирад.

Барои санҷиши фарзияи таҳқиқот ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда ***методҳои*** *зерин* истифода шудаанд**:**

1. *Методҳои назариявӣ*: омӯзиш ва таҳлили адабиёт доир ба масъалаи мавриди таҳқиқ, стандартҳои таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ, синтез, муқоиса, моделсозии раванди таълим.
2. *Методҳои таҷрибавӣ*: мушоҳида, суҳбат, назарпурсӣ, мусоҳиба, санҷиши тестӣ, таҳлили маҳсули фаъолияти донишҷӯён, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисониояндаи омӯзгорӣ ва ташкилу гузаронидани таҷрибаи озмоишӣ.
3. Озмоишҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастии таҷрибаи таҳқиқотӣ.
4. Методҳои коркарди омории натиҷаҳои дар рафти таҷриба бадастомада ва шарҳи онҳо.

***Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нуқтаҳои зерин*** *баён шудаанд:*

1. *Асоснок карда шудааст*, ки методикаи рушд ва ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисониояндаи омӯзгорӣ дар рисолаи таҳқиқотии таҳияёфта самаранок буда, метавонад дар кори амалии дигар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии ҷумҳурӣ бомувафаққият истифода гардад.
2. *Моҳият ва мавқеи* салоҳиятмандии байнифарҳангиидонишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ҳамчун қисмати салоҳияти ғайризабонии коммуникативие муайян карда мешавад, ки он маҷмӯи донишҳо оид ба кишвари забони мавриди омӯзиш, фарҳанги кишвари худ, инчунин маҳорат, қобилият ва сифатҳои шахсиятро, ки ба толибилм барои тағйирдиҳии рафтори худ вобаста аз соҳа ва ҳолати муошират имкон медиҳад, фаро мегирад.
3. *Исбот карда шуд*, ки ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ низоми илман асосноки таълим ва тарбияи донишҷӯёне мебошад, ки тибқи Стандартҳои давлатии таҳсилот ва махсусияти раванди мазкур ҳамчун категорияи фалсафӣ-методӣ ба роҳ монда мешавад. Ҷузъҳои асосии таркибии низоми мазкур мақсад, мазмун, равия ва натиҷа маҳсуб мешаванд, ки асоси модел ва технологияи педагогии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисиояндаи муассисаи педагогӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси ин раванд ва ташхиси мунтазами сатҳи бадастомадаро ташкил медиҳанд.

4.*Самарабахшии раванди* ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисиояндаи муассисаи олии омӯзгорӣ аз рӯи мавҷудияти низоме муайян карда мешавад, ки барои коркарди методика ҳамчун маҷмӯи шакл ва методҳои таъсиррасонии педагогӣ чун асос хизмат мекунад ва методикаи мазкур бошад, пешрафти пайдарҳами донишҷӯёнро аз марҳилаи репродуктивӣ (бемаҳсулӣ) тавассути марҳилаи маҳсулнокӣ ба марҳилаи эҷодкории фарогирии салоҳиятмандии байнифарҳангии таъмин менамояд.

5. *Асоснок карда шуд*, ки технологияҳои педагогӣ дар таълими забони хориҷӣ бо мақсади омодагардонии мутахассисони педагогӣ ба ҳамкории байнишахсӣ дар ҳолати коммуникатсияи байнифарҳангӣ ҳамчун технологияи тамоюли шахсии мутараққии таълим амал мекунад ва алтернативаи низоми анъанавӣ ба сифати яке аз шароитҳои босамари ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар муҳити бисёрэтникии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мебошад.

***Аҳамияти натиҷаҳои ба дастомада дар амалия бо он*** *тасдиқ мегардад, ки:*

1) Муҳтаво ва технологияи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисониояндаи муассисаи олии педагогӣ дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ ошкор карда шудааст;

2) Низоми таҳиягардидаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷуёни донишгоҳҳои омӯзгорӣдар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ барои коркарди методикаи махсуси марҳила ба марҳила ташаккул додани раванди мавриди таҳқиқҳамчун асос хизмат кард.

3) Маводи методие, ки муаллиф таҳия кардааст, имкон медиҳад, ки методикаи махсуси коркардшуда доир ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисиояндаи муассисаи олии педагогӣ дар раванди омодасозии касбӣ ва рушди маданияти педагогии ӯ ба кор бурда шавад.

4) Маводҳои таҳқиқот инчунин метавонанд барои курсҳои махсус, таҳияи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм, машғулиятҳои амалӣ, тренингҳо дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мавриди истифода қарор дода шаванд

***Дастовардҳои дигари илмӣ, ки навгонӣ ва арзишмандии натиҷаҳои бадастомадаро*** *шаҳодат медиҳанд:*

1.Дар илми педагогика ва таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар шароитҳои муҳити бисёрфарҳангии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ чунин падидаи нав мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

2.Қоидаи консептуалии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён-бакалаврҳо, ҳамчун қисмати пешбари омодагии касбӣ, ки барои бурдани фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар шароитҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, муайян карда шуд.

3.Моҳият ва сохтори салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муҳити бисёрзабонӣ муайян карда шуданд, шаклҳои онҳо (забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, шахсиятӣ, таълимӣ) ҷудо карда шуданд, пуррагардонии мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.

4.Модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён, ки самарабахшии истифодаи технологияҳои инноватсиониро ҳангоми таълими забони хориҷӣ таъмин месозад, коркард ва тасдиқ карда шуд.

5.Семинари махсус оид ба мавзӯи «Муоширати байнифарҳангии муаллими забони хориҷӣ», ки ба ташаккул ва такомули низоми донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳои донишҷӯён - муаллимониояндаи забони хориҷӣ нигаронида шудааст, коркард карда шуд.

6.Низоми санҷиши ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён, ки меъёрҳои фарҳангшиносӣ, коммуникативӣ, касбӣ ва шахсиятӣ-арзиширо фаро мегирад, инчунин нишондодҳои аз рӯйи ҳар меъёр ба даст овардашуда пешниҳод карда шуданд.

7.Маводи нав оид ба амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ (АНШХ), ки таъсири мутақобилаи фарҳангҳои миллӣ, мубрамгардонии ҳолатҳои воқеии муоширати байнифарҳангӣ ва амалисозии методҳо ва воситаҳои технологияҳои бозигиро пешбинӣ мекунад, коркард карда шуд.

8.Меъёрҳои таҳқиқи озмоишии фаъолияти таълимии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки шомили тамоюл ба ошкорсозии маҳорати банақшагирӣ ва ба амал татбиқгардонии нақшаи муошırати забони ғайр мебошанд, тасвир карда шуданд.

***Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадро*** *инҳо таъмин менамоянд:* Бо дақиқияти қавоиди аввалияи методологӣ ва назариявӣ; таҳлил ва баҳисобгирии ҳолати проблемаи таҳқиқот дар назария ва амалияи педагогӣ; истифодаи маҷмӯии методҳои тавъам бо мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ; хусусиятнокии маводи таҷрибавӣ; санҷиши озмоишии фарзия ва тасдиқи муваффақонаи кори таҷрибавӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти олӣ; мӯътамадии натиҷаҳои ба даст овардашуда; таҷрибаи кории бисёрсолаи муаллифи рисола дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ; коркарди маълумотҳои озмоишӣ тавассути методҳои омори риёзӣ таъмин карда мешавад.

*Натиҷа ва хулосаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ дар корбасти дурусти технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ва касбии мутахассисиояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ аз забони олмонӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.*

***Назария асос ёфтааст:*** *- аз маҷмӯи қоидаҳои фалсафӣ, психологӣ, фарҳангшиносӣ ва педагогие,* ки мафҳумҳои "муошират", "фаъолияти шифоҳӣ", "салоҳиятмандӣ", "салоҳиятмандии байнифарҳангӣ"-ро мекушоянд; моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳиятмандии байнифарҳангӣ мушаххас карда шуда, асосҳои педагогии ташаккулёбии салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забони олмонӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ баррасӣ карда шудаанд; муносибати шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар муҳити этникӣ-фарҳангӣ ва омодасозии мутахассисониояндаи забони хориҷӣ ба ҳамкорӣ дар заминаи равобити байнифарҳангӣ маълум карда шудааст.

***-таҳлили санадҳои меъёрӣ:*** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъди донишгоҳӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такомул ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» ва тамдиди он барои солҳои то 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф ва сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ» (1998), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотикунонӣ» (ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2001, № 7; 2005, № 12) коркард ва пазируфта шуданд.

***-мавриди истифода қарор гирифтаанд:*** асарҳои муҳаққиқону олимони ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда;

***-муқаррар карда шудааст,*** *ки* шароитҳои психологию педагогӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияҳои педагогӣ самарабахш буда, метавонад дар таҷрибаи кори дигар муассисаҳои олии таълимии ғайризабонии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирад;

***-муайян карда шудааст,*** *ки* тавассути таҳияи низоми методии таълими забони хориҷӣ ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияҳои педагогӣ ангезаи (мотиватсияи) донишҷӯён рушд менамояд.

***Иштироки шахсии унвонҷӯ:***

1. Муаллиф ғояҳо ва қоидаҳои асосии диссертатсияро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда, амсилаи консептуалиро коркард намудааст, ки ин имконият додааст дар асоси муносибатҳои шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва босалоҳият масъалаи истифодаи технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ва касбии мутахассисиояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ аз забони олмонӣҳал карда шавад.

2. Иҷрои бевоситаи кори таҳқиқотӣ, тафсир ва тафтиши натиҷаҳои бадастовардашуда самарабахш омӯхта шавад.

3. Иштироки шахсии унвонҷӯ инчунин дар он ифода меёбад, ки вай МТМ, силлабус ва нақшаи нави таълимиро оид ба мавзӯи «Коммуникатсияи байнифарҳангии омӯзгори забони хориҷӣ» коркард ва ба ҷараёни таълим ворид намудааст. Унвонҷӯ дар интихоби методҳо ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди таълими касбӣ, аз татбиқи мустақим ва роҳбарӣ ҷиҳати гузаронидани кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз иҷрои мустақилонаи таҳқиқоти

диссертатсионӣ, инчунин аз матолиби ба чоп расонда, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мақолаҳо, фаъолона ширкат варзидааст.

Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ омӯзгорӣ аз ҷониби муаллиф тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои самаранокии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ва касбии мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ аз забони олмонӣ таҳия карда шудаанд.

***Тавсияҳои асосӣ ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот:***

1. Таҳия ва татбиқи модел ва технологияҳои педагогие, ки барои комилгардонии раванди ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар ҷараёни таълими фанҳои тахассусӣ мусоидат менамоянд;
2. Мукаммалсозии мазмуну моҳияти ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар ҷараёни таълими фанҳои тахассусӣ;
3. Таҳия ва татбиқи технологияи самараноки ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати омодасозии онҳо;
4. Барои бомувафақият ташкил намудани раванди ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар нақшаҳои таълимии онҳо дохил намудани курсҳои амалӣ ва курсҳои махсус, ки ба омоданамоии онҳо равона шудааст.
5. Методикаи рушд ва ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгории дар рисолаи таҳқиқотӣ таҳияёфта самаранок буда, метавонад дар кори амалии дигар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии ҷумҳурӣ бомувафаққият истифода гардад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ проблемаҳо ва вазифаҳое ҳаллу фасл мегарданд, ки ба меъёрҳои воҳидҳои дохила мутобиқанд ва онҳо бо натиҷаҳои таҳқиқоти баргузоргардида исбот карда мешаванд: ҷиҳати хулоса ва тавсияҳои амалӣ, шароитҳои педагогии оптималии коркардгардида, ки барои рушд ва ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ истифода мегарданд.

Шурои диссертатсионӣ ба хулосае омад, ки таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусиро дар бар гирифта, ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, 10 нафар иштирок дошт, ки аз ин 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 10 нафар, «зид» - нест, «баргаҳои беэътибор» - нест.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Юлдошев У.Р.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Обидова М.И.**

15 декабри соли 2023